**Такриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 –Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» ба яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ бахшида шудааст. Вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ қабати муҳим ва асосии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Ин мавзуъ солҳои охир диққати кулли донишмандону муҳаққиқони хориҷиву ватаниро ба худ ҷалб намудааст.Таҳқиқи ин мавзуъ дар доираи лаҳҷаву шеваҳои мазкур то андозае аз назари муҳаққиқон дур мондааст, аз ин лиҳоз пажуҳиши мавзуи мазкур дар айни замон сари вақтӣ ва мубрам мебошад.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи талаботи навишти корҳои илмӣ таҳия гардида, дар он аҳаммияту навоварии таҳқиқ асоснок карда шуда, мақсад ва вазифа, фарзияҳои муаллиф пешниҳод гардидаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика» номгузорӣ шудааст, диққати диссертантро бештар омӯзиши масъалаҳои ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир, робитаи забон бофарҳанг, омӯзиши лаҳҷаҳои водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ ва региолект ва лаҳҷаҳои минтақавӣ, хусусиятҳои фарккунандаи региолектизмҳо аз диалектизмҳо ва региолект ва муносибати он ба лаҳҷаву гурӯҳҳои этникии водии Ҳисор ҷалб намудааст. Муаллиф тавонистааст этногенези водии Ҳисорро то андозае муайян намояд.

Дар боби дуюм “Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор” рисоланавис диққати хешро ба гурӯҳбандии вожагони соҳаи ҳунармандӣ равона сохта, инчунин, хусусиятҳои этнолингвистии онҳоро низ нишон дода тавонистааст.

Дар боби сеюм, ки “Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор” номгузорӣ шудааст, муҳаққиқ на танҳо ин гурӯҳи вожаҳоро гурӯҳбандӣ намудааст, инчунин, мавқеи онҳоро дар ташаккули ибораҳои халқӣ ва боварҳову мақолҳо муайян карда тавонистааст.

Боби чорум “Хусусиятҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор” номгузорӣ карда шуда, баромади ин гурӯҳи вожаҳо муайян карда шудаанд. Инчунин, мавқеи калимаҳои таърихан маҳдудшуда ва архаизмҳо низ дар вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ муайян гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 28 банд ҷамъбаст карда шудаанд. Муҳтавои диссертатсия дар 33 - мақола, аз ҷумла, 25 - мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба нашр расонидааст, инъикос ёфтааст.

Дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки таъкиди онҳо бамаврид аст:

1. Хуб мешуд агар муҳаққиқ ҳангоми тарҷумаи вожаҳо дар қисмати русии автореферат ба хусусиятҳои милии онҳо диққат дода, онҳоро ҳамчун реалияҳо муаррифӣ менамуд. Масалан, тарҷумаи номи маросимҳо аз қабили ҷомаи қурбоқағундорӣ, аноргӯркунӣ, хирманкубон ва ғайра.
2. Дар фишурдаи диссертатсия ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

Ишораҳои мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Рисолаи доктории Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» пурмуҳтаво ва ҷавобгӯйи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаи

илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст. Муаллифи он – Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мебошад.


Доктори илми филология,
дотсенти кафедраи забон ва
адабиёти руси Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав Юсупова Зарина Розиқовна

Суроға: шаҳри Бохтар, кӯчаи
Айнӣ, 67; тел.: (992) 777 17 75 24;
E-mail: zarina1966@list.ru


Имзои Юсупова З. Р.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷамшед Абдуалим

«04» апрели соли 2024